# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба кори диссертатсионии **Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна** дар мавзуи «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, пешниҳод шудааст

Парвандаи аттестатсионии №_______________
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 24 декабри соли 2022, №6.3 «Оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна»

Диссертатсияи **Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна** дар мавзуи «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 24 декабри соли 2022, №6.1 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна 16-уми октябри соли 1983 дар деҳаи Ҳақиқати ноҳияи Фархори вилояти Хатлон дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Ӯ аз соли 1990 то соли 2001 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и ноҳияи Фархор таҳсил намудааст. Номбурда соли 2001 ба таълими рӯзонаи факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси биология дохил шуда, таълими ғоибонаи ихтисоси мазкурро соли 2007 хатм кардааст.

Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна бо фармоиши №8 аз 11.02.2014 ба таълими рӯзонаи зинаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дохил гардида, онро бо фармоиши №06-05 аз 05.01.2018 хатм намудааст.

Фаъолияти кории худро аз соли 2002 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и ноҳияи Фархор оғоз намудааст. Солҳои 2008-2011 ба ҳайси муаллимаи фанни биология дар литсейи касбии хизмат ва

туризми шаҳри Душанбе, солҳои 2011-20014 ба ҳайси муаллимаи фанни биологияи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50-и шаҳри Душанбе, аз якуми сентябри соли 2014 то 30.09.2022 байси ассистенти кафедраи фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва аз якуми ноябри соли 2022 то имрӯз ба ҳайси саромӯзгори кафедраи мазкур фаъолият карда истодааст.

Мавзуи рисолаи номзадии худро аз 30.05.2017 №12 дар Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ намуда, зери роҳбарии д.и.п., профессор Миރализода А.М. ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 17 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

Қузиева Р.М. муҳокимаи даври аввалро 26.01.2022, №6 дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида, муҳокимаи даври дуюми диссератсияро дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 03.03.2022, №8 гузаштааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қузиева Р.М. имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм санаи 08.06.2015 бо баҳои хуб, аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар таърихи 26.06.2015 бо баҳои хуб ва имтиҳони ихтисосро аз рӯи ихтисоси Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар таърихи 14.04.2021 бо баҳои аъло супоридааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 14.04.2021, №100 додааст.

Шурои диссертатсионӣ дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ аз 15.10.2022, суратҷаласаи №6.2 қабул карда, диссератсияро барои ҳимоя иҷозат додааст.

Эълон оид ба ҳимояи рисола ва автореферат дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар бахши «Шурои диссертатсионӣ» дар зерсаҳифаи эълонҳо аз санаи 23-уми октябри соли 2022 ва дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 26-уми октябри соли 2022 ҷойгир карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия тибқи муқарраррот санаи 18.11.2022 ирсол гардидааст.

Автореферати диссертатсия аз низоми Антиплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матни он 91,25%-ро ташкил медиҳад.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои аз тарафи унвонҷӯ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳодшуда тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, дар парвандаи аттестатсионии унвонҷӯ маҳфузанд.

Роҳбари илмӣ: Мирализода А.М. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва муқарризони расмӣ: Холназаров Санг, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, профессори кафедраи методикаи фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Сайдаҳмадзода Дилором, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар –Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Қузиева Раъногул Мирмуҳамадовна бо имзои мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ, н.и.п., дотсент Мансурова Ҷамила Сулаймоновна ва ташхисгар, н.и.п., дотсент Самиев Т.А. дар семинари васеи кафедра аз 23-юми ноябри соли 2022 протоколи №10 ва бо имзои ректори донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор, Ибодуллозода Аҳлиддин аз 28-уми ноябри соли 2022, тасдиқ шудааст.

Мазмуни тақриз мусбат буда, дар он мубрамияти мавзуъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

Аз тақризи муассисаи пешбар бармеояд, ки дар рисола дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати пажӯҳишоти оянда хоҳад буд:

1. Муаллифи рисола бо вуҷуди он ки оид ба ташаккули маърифати экологии хонандагон дар ҷараёни машғулиятҳои беруназзсинфию берунаэмактабӣ маълумотҳои зиёде ҷамъ оварда, механизми татбиқи онро нишон додааст, аммо вазъи омодагии техникии муассисаҳои таълимиро баррасӣ накардааст.

2. Муаллифи диссертатсия оид ба ташаккули маърифати экологии хонандагон маълумоти зиёд додааст, вале дар ин росто бисёр хуб мешуд, агар довталаб роҷеъ ба ҷойгоҳ ва нақши васоити ахбори умум, ба вижа, оид ба таъсиргузор будани телевизиону интернет, ки дар шароити имрӯза дар шакл гирифтани ахлоқу маърифати экологии насли

наврас ва ҷавонон аз ҳама бештар мусоидат мекунанд, андеша ва хулосаҳои худро манзур мекард ва бад-ин васила арзиши илмиву амалии таҳқиқоти худро бештар мекард.

3. Истифодаи адабиёт бо забони тоҷикӣ дойр ба мавзуъ нисбат ба забонҳои дигар камтар ба чашм мерасад.

4. Дар рисола баъзе ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ, техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат хоҳад кард.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмиву амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ халали ҷиддӣ ворид намесозанд.

Камбудиҳои зикргардида ба қимати баланди таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсир намерасонанд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи тақризи худ таъкид кардааст, ки диссертатсия кори таҳқиқотии пурра ва мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва муаллифи он Қузиева Р.М. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Унвонҷӯ оид ба мавзуи диссертатсия мақолаҳои зерини тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия пешниҳод намдааст.

а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. Қӯзиева Р.М. Антропогенное воздействие на природу [Матн] / Р. М. Қӯзиева, Дж.С. Мансурова. // (ISSN 2074-1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №3 /7 (214) Душанбе, 2016.- С. 260-264.

[2-М]. Қӯзиева Р.М. Взаимоотношения общества и природы [Матн] / Р.М. Қӯзиева, Дж.С. Мансурова // ( ISSN 2074-1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №3/1 Душанбе, 2017. - С. 216 -219.

[3-М]. Қӯзиева Р.М. Модели омодасозии хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои фаъолияти экологӣ-ҳифзитабиатӣ [Матн] / Р.М. Қӯзиева // (ISSN 2074-1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №2-Душанбе, 2021. - С. 266 -279.

[4-М]. Қӯзиева Р.М. Ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими фанҳои табиӣ. [Матн] / Р.М

Қӯзиева, А.М Миратизода // (ISSN 2708-5759) Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (илмҳои педагогӣ) №3 (7). –Душанбе, 2021. - С. 61-66.

[5-М]. Қӯзиева Р.М. Ташаккул ва инкишофи тафакури экологӣ аз замони бостон то замони мо. [Матн] / Р.М. Қӯзиева // (ISSN 2708-5759 ) Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (илмҳои педагогӣ) №2. (6) . –Душанбе, 2021. - С. 141-147.

Ба автореферати диссертатсия 3 тақриз аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:

1. Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педгогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлати Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров;

2. Мирзоев Азиз – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмиллалӣ, саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

3. Каримзода Мирзобадал, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

Ҳамаи тақризҳо ба автореферати Қузива Р.М. мусбатанд ва ягон эрод пешниҳод нашудааст.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Қузиева Р.М. пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо, довталаби дараҷаи илмӣ Қузива Р.М. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот арзанда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002, аз 15-уми октябри соли 2022, №6.2 тибқи банди 61 Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:

**Навгонию навовариҳои таҳқиқот чунин арзёбӣ мегарданд:**

1. Модели илмӣ-назариявӣ ва методию амалии мавзуи таҳқиқотӣ доир ба “Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология” - и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коркард ва аз ҷиҳати амалӣ асоснок карда шуд;

2. Муайян карда шуд, ки барои фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологии хонандагон системаи яклухти ҷараёни таълим, ягонагию боҳамалоқамандии самтҳои мундариҷавии таҳқиқот мавҷуд набуда, ин раванд ҷараёни мунтазами муаррифию арзёбӣ, тарҳрезӣ ва мураттабсозии технологияҳои навро талаб менамояд;

3. Нақш ва мақоми методҳои гуногуни таълим, шаклҳои ташкилии раванди таълим, аз ҷумла машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ дар фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологӣ, инкишофи фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон аз сикли фанҳои умумибиологӣ муайян ва арзёбӣ гардид.

4. Дар ҷараёни гузаронидани мушоҳидаҳо, озмоишҳои педагогӣ, саволнома-анкетаҳо, корҳои хаттӣ-санҷишӣ, омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ аз сикли фанҳои умумибиологӣ мазмун ва мандариҷаи машғулиятҳои намунавӣ барои гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ таҳия карда шуд.

Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Муҳтавои асосии таҳқиқот барои ҳимоя муқарраროти зеринро дар бар мегиранд:

1. Амсилаи мавзуи таҳқиқотӣ таҳти унвони «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5, 18, 19, 32, 37 ва 39-и ноҳияи Фархори вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мазмуну мундариҷаи донишҳои экологӣ, ва умумибиологӣ, баландбардории ҷанбаҳои назариявию амалӣ, таълимию диққатҷалбкунандаи масъалаҳои фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологӣ, инкишофи фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодии хонандагон дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз сикли фанҳои биологӣ.

3. Сохтори педагогии «Ташаккули маърифати экологии хонандагон мутобиқ бо маҷмӯи ҷараёни таълим, ҳамроҳию ягонагии ҷанбаҳои мундариҷавӣ ва муаррифӣ-арзёбӣ, инчунин мақсад, мундариҷа, роҳу усулҳо, методҳо ва дигар шаклҳои ташкилии раванди таълим бо машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ.

4. Шароитҳои педагогии фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологии хонандагон дар пойгоҳ ё заминаи ду ҷанба;

– дар заминаи ҷанбаи мундариҷавӣ, яъне пурзӯр намудани самту дараҷаи донишҳои экологӣ, кишваршиносӣ ва умумибиологӣ;

– дар пояи ҷанбаи муаррифӣ-арзёбӣ ташаккулу инкишофи фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, ҷараёнҳои

маърифатнокии хонандагон, яъне тафаккур, хотира, шуур, диққат, эҳсосот, идрок дар ҷараёни дарсҳои асосӣ-синфӣ, машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ.

5. Дар заминаи мафҳумҳои «Омилҳои экологӣ», «Муҳити зист», «Ҷомеаи табиӣ», «Ҳифз ва истифодаи самараноки боигариҳои табиӣ-биологӣ» ва мавриди омӯзиш қарор додани онҳо аз оғози омӯзиши сикли фанҳои умумибиологӣ, яъне аз раванди таълими фанҳои повӣ-табиӣ дар синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот иборат аз ҷустуҷӯ ва дарёфти ҷанбаю самтҳои вобаста ба таҳия ва асосноккунии модели назариявӣ ва сохтори технологии фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ, инкишофи фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодии хонандагон дар заминаи ягонагии самтҳои мундариҷавӣ, рушди бемайлони донишҳои экологӣ, кишваршиносию умумибиологӣ, самтҳои муаррифию арзёбӣ, яъне аз таҳлили мафҳуми "Маърифати экологӣ" роҳу усулҳо, методҳо ва меъёру ташаккули ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 - и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, фаъолияти педагогию касбии омӯзгорон ва аз ҷониби онҳо интихоб ва самаранок истифода намудани шаклу усулҳои таълими анъанавӣ ва методҳои муосири раванди таълим, аз ҷумла истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, бо назардошти навоварии раванди таълиму тадрис, аз сикли фанҳои умумибиологӣ мебошад.

Ҷанбаҳои амалии таҳқиқот аз таҳияву мураттабсозии модели таҳқиқот, методика ва амалисозии мавзуи рисолаи илмӣ оид ба "Ташаккули экологии хонандагон, дар як қатор таҳқиқоти методию амалии олимон барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, тарбияи экологии хонандагон, намунаи нақшаҳои гузаронидани маҳфилҳои фаннӣ, мушоҳидаҳои фенологӣ, экскурсияҳо ва дигар намудҳои машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, бо ёрии муаллимону методистони касбӣ иборат мебошад.

Асосҳои методологии таҳқиқот: Барои омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқу санҷиши ҷанбаҳои педагогию дидактикии таҳқиқот ва натиҷаҳои татбиқи амалии фарзияи пешниҳодшуда ва дар маҷмуъ, ноил шудан ба ҳадафҳои мақсаднок, методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ интихоб ва мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои асосии бадастомадаи таҳқиқоти озмоишии педагогӣ дар маводи Паёми

ДМТ, Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, дар васоити таълимӣ-методӣ, дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи ДМТ, конференсияҳои илмӣ-назариявии ДМТ, ҷумҳуриявӣ чоп ва таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Ҳамзамон, дар ҷараёни гузаронидани дарсҳои синфӣ, машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, дар фаъолияти илмию педагогии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони сикли фанҳои умумибиологӣ, ҳамчун маводи ёрирасони методӣ истифода бурда мешаванд. Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар 17 мақолаи илмӣ-методӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Президенти Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар марҳалаҳои таҳқиқот: интихоб, таҳия, коркард, банақшагирию асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии маводи озмоишҳои педагогӣ ва коркарди оморию риёзии онҳо, таҳлил корбаст ва тарҳрезии натиҷаҳои корҳои озмоишӣ – таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия таҷассум меёбад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии бадастовардашуда дар тамоми давраҳои таҳқиқот дар конференсияҳои умумидонишгоҳӣ (ДМТ) ва ё иттиҳодияҳои илмӣ – методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва кафедраҳои педагогикаи ДМТ пешниҳод ва баррасӣ гардидаанд.

Ҳамчунин, дар раванди гузаронидани озмоишҳои педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тули солҳои 2017-2022 бахусус дар пойгоҳи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№5,18,19,32,37 ва 39 н. Фархор, кафедраи педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2017-2022) санҷида шуда, дар конфронсҳои илмӣ ва назариявии муаллимон ва донишҷӯён дар ҷаласаҳои кормандони соҳаи маориф баррасӣ гардидааст.

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 24 декабри соли 2022, №6.4 қарор қабул кард, ки ба Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 13 нафар, аз онҳо 3 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

- дар ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ иштирок доштанд: 13 нафар
- бюллитенҳои тақсимгардида: - 13 дона;
- бюллитенҳои тақсимнагардида: - 2 дона;
- тарафдори додан ба дараҷаи илмӣ: - 13 нафар;
- муқобили додани дараҷаи илмӣ: - нест;
- бюллитенҳои беэътибор - нест.

Раисикунандаи ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, профессор: Қурбонов А.Ш.

Котиби илмии Шурои Диссертатсионии 6D.КОА-002, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Рафиев С.А.

24.12.2022

ҶМ